# Эътилофи ҷомеаи шаҳрвандӣ зидди шиканҷа ва беҷазоӣ дар Тоҷикистон

# Гурӯҳи расонаӣ

**Соли 2021, ш. Душанбе**

fppt.com

# Гурӯҳи расонаӣ

Дар асоси Стратегия ва нақшаи корӣ амал мекунад
http://notorturetj.org/about/media-strategiya-koalicii-grazhdanskogo-obshchestva-tadzhikistana-protiv-pytok-i

ҳадафҳои асосӣ:  бозтоби мунтазами фаъолияти Эътилоф, бардоштани сатҳи фарҳангии аҳолӣ ва ҷалби аҳолӣ ба мубориза алайҳи шиканҷа ба воситаи ВАО.
Котибот: роҳбари гурӯҳи расонаӣ, маъмури сомона ва муҳаррирони сомонаи Эътилоф; намояндагони ташкилотҳои аъзо ва шарикони Эътилоф.

fppt.com

# Вазифаҳо:

- Бозтоби мунтазами фаъолияти Эътилоф ва талошҳои он дар самти пешгирӣ ва муборизаи самаранок алайҳи шиканҷа ва беҷазоӣ;
- ҷалби таваҷҷуҳ ба масъалаи шиканҷа;
- Омодасозӣ ва паҳнкунии маълумоти босифат доир ба масъалаи шиканҷа.

fppt.com

# ВОСИТАЮ ШАБАКАҲОЕ, КИ БАРОИ ПАҲННАМОИИ ИТТИЛООТ ИСТИФОДА МЕШАВАНД :

- паҳн кардани изҳоротҳо, тафсирҳо, нашри варақаҳои иттилоотӣ, гузарондани нишастҳои матбуотӣ, даъват намудани ВАО ба нишасту анҷуманҳое, ки Эътилоф ташкил мекунад;
- ташкил намудани мусоҳиба/ дастрасӣ ба иттилоот барои ВАО ба воситаи аъзои Эътилоф бо шарҳу тафсири вазъ дар соҳаи шиканҷа;
- ташкил намудани дастгирии иттилоотии корҳои алоҳида ва чорабиниҳои Эътилоф;

fppt.com

# Сомонаи Эътилоф www.notorturetj.org

Воситаи иттилоотии комилан фарогир оид ба масъалаҳои шиканҷа ва муносибати бераҳмона дар Тоҷикистон мебошад, ки аз он метавон матлабҳои дахлдори ВАО, ҳуҷҷатҳои барномавӣ, натиҷаҳои таҳлилу таҳқиқот, мусоҳибаҳо ва дигар иттилооти заруриро пайдо кард.

fppt.com

# Пешбарии сомона ва саҳифаҳои Эътилоф дар шабакаҳои иҷтимоӣ

- Facebook: https://www.facebook.com/notorture.tj
- Twitter: https://twitter.com/NoTorturetj
- Soundcloud: https://soundcloud.com/notorture-tj
- Youtube: https://www.youtube.com/channel/UCWfjfabt9tacFgj-rcJZqtw
- Odnoklassniki: https://ok.ru/group/54476259131498
- Телеграм: http://t.me/notorturetj
- Инстаграм: notorture.tj

Тамоми маводҳое, ки дар сомонаи Эътилоф ҷой дода мешаванд, дар саҳифаҳояш дар Фейсбук, Телеграм, Твиттер, Одноклассники такроран нашр мегарданд, маводҳои аксӣ дар Инстаграм, маводҳои аудиоӣ дар Soundcloud ва Youtube интишор мешаванд.

fppt.com

# Мукаммалгардонии малакаҳои бозтоб додани масъалаҳои озодӣ аз шиканҷа

- Гурӯҳи расонаӣ ба такмили малакаҳои бозтоб додани масъалаҳои озодӣ аз шиканҷа миёни кормандони хадамоти матбуотии сохторҳои давлатӣ таваҷҷуҳи калон медиҳад, барои журналистони ВАО-и давлатӣ ва мутахассисони робита бо ҷомеаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва мақомоти дигари давлатӣ семинарҳои омӯзишӣ доир мекунад,

fppt.com

# Икдомҳои мо

- ҳар сол мо ду бор - бахшида ба Рӯзи байналмилалии ҳимояи қурбониёни шиканҷа (26 июн) ва Рӯзи ҷаҳонии ҳуқуқи инсон (10 декабр) икдом баргузор мекунем.
- Масалан, соли 2020 бахшида ба Рӯзи байналмилалии ҳимояи қурбониёни шиканҷа маъракаи 30-рӯза баргузор намудем. Дар давоми як моҳ дар мониторҳои супермаркетҳо, марказҳои савдо, марказҳои тиҷоратӣ ва дигар макону мавзеъҳои сар то сари Душанбе наворҳо дар мавзӯи озодӣ аз шиканҷа намоиш дода шуданд. Ташкилоти ТҶ «Дафтари озодиҳои шаҳрвандӣ», ки узви Эътилоф мебошад, дар якҷоягӣ бо Эътилоф ба Рӯзи байналмилалии ҳимояи қурбониёни шиканҷа китоби «Қиссаи 13 сарбоз, ё орзуҳои барбодрафта»-ро омода кард. Он аз тақдири фоҷеавии 13 сарбозе қисса мекунад, ки қурбонии «меҳтарсолорӣ» дар артиши тоҷик шуданд.
- Дар арафаи Рӯзи ҷаҳонии ҳуқуқи инсон мо маъракаи 30-рӯзаро таҳти шиори «ҳуқуқҳо! Шаъну шараф! Рушд!» гузарондем.
- Масалан, дар толори синамои «Кайҳон» маҳфили синамо (киноклаб) гузаронда шуд. Зиёда аз 70 иштирокчии он пас аз тамошои филми маъруфи «Зеленая миля» дар мавзӯи ҳуқуқи инсон мутобиқи стандартҳои ҷаҳонӣ ва қонунгузории миллӣ мубоҳиса доир намуданд.
- Боз беш аз 60 нафар иштирокчии марафони тренингҳои бахшида ба ҳуқуқи инсон дар қаҳвахонаи «Parking»-и пойтахт шуданд.
- Дар Душанбе мусобиқаи мубоҳисавии «ҷоми ҳуқуқ» баргузор гардид.

fppt.com

# Иқдом дар сомонаи Эътилоф ва дар саҳифаҳои Эътилоф дар шабакаҳои иҷтимоӣ

1 декабри соли 2020 Эътилофи ҷомеаи шаҳрвандии зидди шиканҷа ва беҷазоӣ дар Тоҷикистон тақвими рӯимизӣ барои соли 2021 дар мавзӯи ҳуқуқҳои инсонро ба табъ расонд ва онро дар байни шарикон, ҳамкасбон паҳн намуд, инчунин ба ташкилотҳои байналмилалӣ, ҷамъиятӣ, ВАО ва намояндагони сохторҳои давлатӣ руқъаҳои табрикотӣ равон кард. Дар ҳар саҳифаи тақвим моддаҳои Эъломияи умумии ҳуқуқи башар ҷой дода шуданд.

Дар давоми як моҳ, аз 10 ноябр то 10 декабр, дар асоси 30 моддаи Эъломияи умумии ҳуқуқи башар постерҳо омода карда шуданд, ки ҳамарӯза дар сомонаи Эътилоф ва саҳифаҳои он дар шабакаҳои иҷтимоӣ ҷой дода мешуданд.







fppt.com

# Телефонҳои доимамалкунанда, ки шабу рӯз фаъоланд:

**Дар вилояти Хатлон  - 98 787 66 66**

**Дар вилояти Суғд - 98 787 33 33**

**Дар НТч ва  ш. Душанбе - 98 708 76 76**

**Сомонаи Эътилоф notorturetj.org**

fppt.com